АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ №1, 2014

## АДАБИЁТШИНОСӢ

УДК: 8 тадж.+1+8 тадж+4 ТАҒОЙМУРОДОВ Р[1].

# ШЕЪР ВА ТАЪСИРИ РАВОНИИ ОН АЗ НАЗАРИ АМИР ХУСРАВ

Дар мақола ба таври умда ва мушаххас доир ба таъсири равонии шеър аз назари яке аз адибони пуркори адабиёти форси тоҷикӣ дар асри XIII Амир Хусрави Деҳлавӣ матраҳ гардидааст. Ҷамъбастҳои муаллиф дар он ҷолиб ва омӯзандаанд.

**Калидвожаҳо**: тирождӣ, тазкия, инфиолот, катарсис, авотиф, ромиш, мӯнис, сакина, сабика, сикка, мудаққиқон, роҳатафзо, андӯҳзадагон, фараҳангез, замир, қареҳа, рӯҳия, умур.

Яке аз масъалаҳои бисёр муҳимму арзишманд, ки дар афкори адабии Амир Хусрав нуфузи амиқ дорад ва онро дар вуҷуди шеъру адаб амри ҳатмӣ мешуморад, масъалаи таъсиргузории шеър дар табъу рӯҳия, завқу зеҳни хонандаву шунаванда ва умуман оммаи мардум мебошад. Ин мавзӯъ яке масъалаҳоест, ки ҳанӯз таваҷҷуҳи Арасту ва дигар соҳибназарони замони ӯву мутафаккирони асрҳои минбаъдаро ба худ машғул карда буд. Арасту дар рисолаи «Фанни шеър» зимни таърифи фоҷиа (тирождӣ) аз таъсиргузории он ба рӯҳу қалби хонандаву бинанда ёдовар шуда, мегӯяд: «… ва шафқату ҳаросро барангезад, то сабаби тазкияи нафси инсон аз ин авотиф ва инфиолот гардад» (Арасту 1387,121).

Ёдовар шудан бамаврид аст, ки калимаҳои тазкия, покшавӣ, татҳир ва монанди инҳоро Арасту бо мафҳуми «катарсис» ифода кардааст, ки баъдан чун истилоҳ пазируфта шудааст. Дарвоқеъ, роҷеъ ба он ки ҳақиқату моҳияти адабиёту санъат таъсиргузорӣ ва ҳидояти мардум ба сӯи ҳадафҳои муайян аст, ҷои шубҳа нест. Шеъру адаб, ки худ маҳсули тахайюл ва завқу рӯҳи эҷодкор аст, бояд дар зеҳну равони хонандаву шунаванда низ мӯҷиби барангезандагӣ бошад.

Донишманди эронӣ Абдулҳусайни Зарринкӯб доир ба таъсиргузории сухани шеърӣ ба қалбу равони башар бо нақли қавл аз Ҷоҳиз чунин мегӯяд:

«Ҷоҳиз мегӯяд, ки дар назди умами бостонӣ шоирон бештар аз ҳар табақаи дигар зимоми ақл ва авотифи мардумро дар даст доштанд… Басо, ки нерӯи маънавии шеър тавонистааст мардуми афсурдаеро ба ҳаяҷон овараду ба талаби ҳақ ва ифтихор барангезад ё хашму илтиҳоби мардуми хашмнокеро фурӯ нишонад ва ононро ба ромишу оштӣ во дорад» (Зарринкӯб 1386, 56-57).

Амир Хусрав дар дебочаи девони сеюми худ, яъне «Ғуррат-ул-камол» таъсиргузории каломи манзумро ба замиру равони башар муҳимму арзишманд арзёбӣ карда, андешаҳои худро дар ин масъала ба тариқи зайл баён кардааст:

«Назм мӯниси (ҳамроз) дили соҳибдилон ва марҳами рози боҳосилон ва сакинаи (оромиши хотир) синаи муҳаққиқон ва сабикаи (порае аз зар ё сими гудохташудаву дар қолаб рехташуда) сиккаи мудаққиқон (диққаткорон) ва роҳатафзои ботини андӯҳзадагон ва ҷонфизои даруни беруншудагон ва фараҳангези замири (хотир, зеҳн, дил) ғамгинон ва гиреҳкушои чини ҳамгинон (ҳамагон) аст» (Хусрав 537, в. 17б).

Аз гуфтори Хусрав ба осонӣ эҳсос карда мешавад, ки ӯ дараҷаи дарку фаҳмиш ва таъсиргузории каломи манзумро ба ҳама як хел қаламдод намекунад, балки интихоби дарунмояи суханро ба муқтазои ҳол ва завқу ниёзи шахсиятҳо вобаста

[1] **Адрес для корреспонденции:** Тагаймуродов Рустам– доцент КТГУ им. Носира Хусрава Республики Таджикистан. 734140. Республика Таджикистан, Хатлонская обл., г. Кургантюбе, ул. Айни, 67, тел.: 917575522.

медонад. Масалан, вақте ки назмро дар иртибот бо «соҳибдилон», ашхосе, ки бисёр ҳассос ва дорои қареҳаи ҳунарианд, баён менамояд, онро «мӯнис» ё худ ҳамдаму ҳамроз арзёбӣ мекунад. Ин ба он маънист, ки фаҳмишу идрок ва ташхиси ҳақиқии шеъру ҳунар аз ҳар афрод парвариши завқӣ, малакаву маҳорати зеҳнӣ, эҳсосоти фарогир ва монанди инҳоро тақозо мекунад. Соҳибдилон, ки киноя аз ашхоси ҳассос, дорои нерӯву истеъдоди вижаи зеҳнӣ барои дарки осори ҳунарӣ мебошанд, бешубҳа, дар фаҳмишу ташхиси сухани шеърӣ варзиши завқӣ низ доранд ва латофату зарофати онро ба осонӣ идрок мекунанд. Аз ин рӯ, онҳо бештар аз дигарон тобеъ ва маҷзуби шеър гашта, онро ҳамдаму ҳамрози доимии худ қарор медиҳанд. Қобилияту қареҳаи соҳибдил дар шинохти зебоии шеъру сухан ба ӯ имкон медиҳад, ки мақсаду аҳдофи шоирро хубтару беҳтар аз дигарон пайхас кунад ва барои қонеъ сохтани ниёзҳои завқиву равонии хеш истифода барад.

Ба каломи манзум имтиёзи бештареро раво дидани Амир Хусрав на ба он маънист, ки ҳар сухане, ки вазневу қофияе дошта бошад, дорои арзиши баланди эстетикӣ ҳам ҳаст. Мақсади ӯ аз тавсифу тарҷеҳи назм нисбат ба дигар осори ҳунарӣ он гуна шеъре мебошад, ки шоир онро бо камоли ҳунармандӣ мутаносиби аҳволу сатҳҳои эҳсоси хонандагону шунавандагон пардохта бошад. Хусрав завқу зеҳни шоирро барои дарёфту баёни каломи ҷолибу муассир боризтару омодатар аз завқу зеҳни дигарон медонад. Шоир аз назари ӯ ба манзалаи як табиби ҳозиқест, ки доруро ба тақозои ҳоли бемор интихоб мекунад, яъне суханро шоир бояд бар асоси талаботи ҷомеа, сатҳи огоҳӣ, завқу истеъдод, мутобиқи андеша ва дигар ҳолоти равонии мухотаб интихоб намуда, ба василаи вазну оҳанги дилпазир бар маснади мақсаду маонӣ нишонад, то ин ки барои ҳамеша муассиру мондагор бошад. Бар хилофи ин, Амир Хусрав назмеро, ки баҳрае барои эҳсос ва завқ дар бар надорад, намеписандаду арҷ намениҳад.

Нуктаи дигаре, ки аз ин нақли қавл бармеояд, он аст, ки дар замони зиндагии Амир Хусрав шеъру шоирӣ бар тамоми паҳлуҳои зиндагии мардум соя афканда будааст ва мардум барои рафъи ниёзҳои равонии худ аз ин ҳунар суд меҷустанд, яъне завқи ҷомеа таҳти таъсири завқи ҳунарманд будааст, на баръакси он.

Ҳамин тариқ, агар бипазирем, ки яке аз омилҳои асаргузории шеър дар сиришту ниҳоди мардум ба вазни матбӯъ ва ҳунари шоир вобаста бошад, омили дигараш таҷассуму тасвири мукаммалу зебои табиат дар каломи шеърист, зеро маълум аст, ки дар шеър замину коинот ва ҳама чизе, ки дар миёни онҳо вуҷуд дорад, ба андозае тасвир меёбад. Табиат бо ҳама вижагиҳояш дар шеър бо рангу оҳангҳои ҷаззобу муассир ва ба таври образнок ҷилвагар мешавад, зебоиву зиштии муҳит бо хурдтарин ҷузъиёташ дар ташбеҳоту маҷозоти шеър бозтоб мегардад. Яъне шеър анқариб ойинаи тамомнамои табиат аст. Бинобар ин, инсон ҳар андозае, ки аз тамошои табиат муассир гардаду лаззат барад, ба ҳамон андоза аз хондану шунидани шеър лаззат хоҳад бурд. Ногуфта намонад, ки тамошо ва диди ҷамоли табиат дар шеър завқу истеъдоди махсусро тақозо мекунад, вале қобилияти фаҳму дарк барои инсонҳо нобаробар аст. Барои ҳамин ҳам, ҳар афроде, ки варзиши завқӣ наёфтааст, аз тамошои ҷамоли густурдаи табиат дар калому алфози шеърӣ бенасиб монда, лаззати маънавӣ бардошта наметавонад, сарфи назар аз он ки ҳеҷ кас сатҳи завқи худро аз сатҳи завқи дигарон паст намешуморад.

Аз таърихи адабиёт медонем, ки халқу миллатҳои гуногун дар ҳар давру замон шеърро, ба сабаби ҳаяҷоновару эҳсосангез буданаш, дар ҳар умуре аз қабили сиёсӣ, диниву мазҳабӣ, фарҳангӣ, ҳарбӣ, ахлоқӣ, маърифатӣ ва амсоли инҳо ҳамчун василае барои расидан ба ҳадафи муайян ба кор мебурданд ва имрӯз низ ин раванд комилан қатъ нагардидааст. Масъалаи ҳаяҷоновару таҳрикдиҳанда будани каломи манзум меҳвари асосии афкори назарии Амир Хусравро ташкил медиҳад. Ӯ дар ин бора на танҳо дар андешаҳои назарӣ, балки дар осори бадеии хеш низ мулоҳизоти ҷолибе ироа доштааст.

Аз он чи ки Амир Хусрав доир ба масъалаи асаргузории шеър ба рӯҳонияти инсон арз доштааст, маълум мегардад, ки ӯ ба моҳияти каломи манзум на танҳо чун

як шоир нигаристааст, балки назари вай ба шоире, ки худро аз зиндагиву ҳаёти ҷомеа канор накашида ва рӯҳи хонандаро бо офаридаҳои хеш мафтуну болида месозад, бисёр ҳам ҷомеашиносона аст. Дар ин хусус мегӯяд:

Ҳар кӣ ғам қуфл ниҳад бар дили беҳосили ӯ,
Ҷуз забони шуаро нест калиди дили ӯ (Хусрав 537, в17[б]).

**Адабиёт:**

1. Арасту 1387- Арасту ва фанни шеър. Муаллиф ва мутарҷим Абдулҳусайни Зарринкӯб.- Теҳрон, 1378.- 220 саҳ.

2. Зарринкӯб 1386- Абдулҳусайни Зарринкӯб. Нақди адабӣ. Ҷилдҳои аввалу дувум.- Теҳрон, 1386.- 922 саҳ.

3. Хусрав 537- Амир Хусрави Деҳлавӣ. Ғуррат-ул-камол. Дастнависи китобхонаи Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Рақами 537.

**ТАҒОЙМУРОДОВ Р.**

## СТИХОТВОРЕНИЕ И ЕГО ПСИХОЛОГИЧЕСКОЕ ВЛИЯНИЕ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ АМИРА ХУСРАВА

В данной статье, автор анализирует проблему о влиянии стихотворения на духовное и психологическое состояние читателя и слушателя с точки зрения Амира Хусрава. Из данной статьи становится ясно о том, что согласно утверждениям Амира Хусрава он не одиноково для всех излагает степень понятия данной проблемы, а излагая состояние речи исходит из желаний и потребности личности каждого человека. Если Амир Хусрав одним из основополагающим фактором стихотворений народа считает метрику, другим фактором считает мастерство и возможности самого поэта, что логически является правильным.

**TAGOYMURODOV R.**

## THE POEMS AND ITS PSYCHOLOGICAL INFLUENCE IN OUTLOOKS OF AMIR HUSRAV

In given article, the author analyses the problem about influence of the poem on spiritual and psychological condition of the reader and listener with standpoint of Amir Husrav. From given article becomes clear about that that according to statement Amir Husrav he not solitary for all states the degree a notion given problems, but stating condition speech comes from desires and need to personalities of each person. If Amir Husrav one of the background factor of the poems of folk considers the metrics, the other factor which considers the skill and possibility most poet that logically is correct.